# Юсуф



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЮСУФ, ПИСАРИ ЯЪҚУБ АЗ РОҲЕЛ, ПАС АЗ ОН КИ БО БАРОДАРОНАШ РАМАҲОРО МЕЧАРОНД, ДАР БОРАИ РАФТОРИ БАДИ ОНҲО ХАБАРҲО МЕОВАРД.
АЗБАСКИ ЮСУФ ДАР ПИРОНСОЛИИ ЯЪҚУБ ЗОДА ШУД, Ӯ БАРОИ ПИСАРАШ ЛИБОСИ ГАРОНБАҲОИ РАНГИН КАРД.
НИГОҲ КУН, ОЁ МЕБИНӢ? Ӯ ҲАТТО ЛИБОСИ МАХСУС ГИРИФТААСТ.
АКНУН ШУБҲАЕ НЕСТ, КИ КАДОМЕ АЗ МО ПИСАРИ ДӮСТДОШТАИ ПАДАР АСТ.
БУБАХШ, МАН БОЯД ТУРО, КИ ЧУНИН ЛИБОСИ РАХШОН ДАР ТАН ДОРӢ, МЕДИДАМ.
АДАБИ БАЧАИ НОЗПАРВАРДИ ПАДАРРО ДОДАН ДАРКОР АСТ.
АММО ХУДО БА ЮСУФ ХОБЕ ФИРИСТОД.


“МАН ХОБЕ ДИДАМ, КИ МО БАНДҲОИ ГАНДУМРО МЕБАСТЕМ. НОГОҲ БАНДИ МАН БАРХЕСТ ВА РОСТ ИСТОД, ВА БАНДҲОИ ШУМО БА БАНДИ МАН ТАЪЗИМ КАРДАНД”.
ТУ ГУФТАНӢ ҲАСТӢ, КИ БАР МО ҲУКМФАРМО МЕШАВӢ?
ОЁ ФИКР МЕКУНӢ, КИ БАР МО ҚУДРАТ ХОҲӢ ДОШТ?
ТУ ФАҚАТ ХОБ МЕРАВӢ, ДАР ҲОЛЕ КИ МО КОР МЕКУНЕМ.
ГӮШ КУНЕД, МАН ХОБИ ДИГАРЕ ДИДАМ, КИ БОЯД БА ШУМО НАҚЛ КУНАМ.
“ИН ДАФЪА ОФТОБ ВА МОҲ ВА ЁЗДАҲ СИТОРАГОН БА МАН ТАЪЗИМ КАРДАНД”.
НАХОД КИ МАН ВА МОДАРАТ ВА БАРОДАРОНАТ ҲАҚИҚАТАН ОМАДА, БА ТУ ТАЪЗИМ МЕКАРДА БОШЕМ?
МО АЛЛАКАЙ БА ПАДАРАТ ГУФТА БУДЕМ – ТУ ФАҚАТ ХОБҲО ДОРӢ ҲЕҶ КОР НАМЕКУНӢ.
АГАРЧИ БАРОДАРОН БО ҲАСАД ӮРО АЗ ХУД ДУР МЕКАРДАНД, ПАДАРАШ ДАР АНДЕША БУД, КИ ИН ҲАМА ЧӢ МАЪНО ДОШТА БОШАД.
ҲАСТӢ 37:6-11


БАРОДАРОНАТ РАМАҲОИ МОРО ДАР НАЗДИ ШЕКЕМ МЕЧАРОНАНД. РАФТА, АЗ АҲВОЛИ ОНҲО ХАБАР ГИР.
ОҲО, СОҲИБИ ХОБҲО ОМАДА ИСТОДААСТ.
ТОВУСИ РАНГОРАНГ ТАШРИФ ОВАРДААСТ.
ИН ИМКОНИЯТЕ БАРОИ МОСТ, БИЁЕД ӮРО МЕКУШЕМ ВА АЗ Ӯ ХАЛОС МЕШАВЕМ. ПАДАРАМОН ҲЕҶ ГОҲ НАМЕФАҲМАД.
НЕ, КУШТАН ДАРКОР НЕСТ. БИЁЕД ӮРО БА ИН ЧОҲ МЕПАРТОЕМ.
ЗЕРО РЕУБЕН МЕХОСТ, КИ ДЕРТАР БОЗГАШТА ӮРО АЗ ОН ЧОҲ БАРОРАД.
ӮРО АЗ ЧОҲ БЕРУН БАРОРЕД! АЗ КУШТАНИ БАРОДАРАМОН БА МО ЧӢ ФОИДА МЕРАСАД?
БА ҶОИ ИН БИЁЕД ӮРО БА ИСМОИЛИЁН МЕФУРӮШЕМ!






ҲАСТӢ 37:28 - 35



МИДЁНИЁН ЮСУФРО БА ПӮТИФАР НОМ МИСРИИ САРВАТМАНДЕ ФУРӮХТАНД, КИ САРДОРИ ПОСБОНОН БУД.
БО МУРУРИ ОН КИ ЮСУФ ДАР ХОНАИ ПӮТИФАР КОР МЕКАРД, ПӮТИФАР БОЗ ҲАМ САРВАРМАНДТАР МЕШУД.
ВА ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ЮСУФРО ИДОРАКУНАНДАИ ХОНАИ ХУД ГУЗОШТ – Ӯ БОЗ БЕШТАР НЕКӮАҲВОЛ ШУД.
МММ…
ЭЙ ҶАВОН, БИЁ БО МАН БИХОБ. ЧУНИН ТАҶРИБАРО ТУ ҲЕҶ ГОҲ ФАРОМӮШ НАМЕКУНӢ.
ШАВҲАРАТ БА МАН БОВАРӢ КАРДА ТАМОМИ ДОРОИИ ХУДРО БА ДАСТАМ ДОДААСТ -- ПАС ЧӢ ГУНА ИН БАДКИРДОРИРО СОДИР КУНАМ ВА ДАР НАЗДИ ХУДО ГУНОҲКОР ШАВАМ?
ЗАН ҲАР РӮЗ ЮСУФРО ТАЪҚИБ МЕКАРД, АММО Ӯ НАХОСТ ҲАТТО ДАР НАЗДИ ОН ЗАН БОШАД.
ҲАСТӢ 37:36; 39:1-10


РӮЗЕ, ҲАНГОМЕ КИ ДАР ХОНА ҲЕҶ ЯКЕ АЗ ХИЗМАТГОРОН НАБУД, ЗАН БАРОИ ХУД ИМКОНИЯТЕРО ДИД ...
ҲОЗИР МО, КИ ХОҲОНИ МУҲАББАТ ҲАСТЕМ, МЕТАВОНЕМ ТАШНАГИИ ХУДРО БА ОН РАФЪ НАМОЕМ! БО МАН БА БИСТАРАМ БИЁ.
ЁРӢ ДИҲЕД! ЁРӢ ДИҲЕД!
ОН ҒУЛОМИ ИБРӢ, КИ ОВАРДӢ, НАЗДИ МАН ОМАД, ТО МАРО БАДНОМ КУНАД – ВА ЧУН ФАРЁД ЗАДА МАДАД ХОСТАМ, ГУРЕХТА, РАФТ, АММО МАН ЧАНГ ЗАДА ҶОМААШРО ГИРИФТА МОНДАМ.
ӮРО БА ЯГОНА ҶОЕ КИ САЗОВОРИ ӮСТ – БА ЗИНДОНИ ПОДШОҲ ПАРТОЕД.
ДАРҲОЛ!




ҲАСТӢ 39:20-23


ФИРЪАВН АЗ ГУСТОХИИ САРДОРИ МАЙКАШОН ВА САРДОРИ НОНВОЙҲО ХАШМГИН ШУДА, ФАРМУД, КИ ОНҲОРО БА ЗИНДОН ПАРТОЯНД.
ТУ ДАР ИН ҶОИ ПӮСИДА БА ҲАМАИ ИН ЧӢ ГУНА ТОБ МЕОВАРӢ?
МАН ДАР ҲАР ҶОЕ КИ БОШАМ, ҚОНЕЪ БУДАНРО ОМӮХТААМ. ИН ОН ЧИЗЕСТ, КИ ХУДО БА МАН ОМӮЗОНДААСТ.
КАДОМ ХУДО? Ӯ ҲАР ТАВРЕ КИ БОШАД, АНИҚ АСТ, КИ ҲАМАИ ИН ҶО БУДАГОНРО ФАРОМӮШ КАРДААСТ.
МММММ!
АҲҲҲҲҲҲ!
ЧАРО ИМРӮЗ ҲАР ДУИ ШУМО ИН ҚАДАР ҒАМГИН ҲАСТЕД?
ҲАР ДУИ МО ХОБ ДИДАЕМ ВА ИН ҶО КАСЕ АЗ ҶОДУГАРОНИ ПОДШОҲ НЕСТ, КИ ОНРО ТАЪБИР КУНАД.
ОЁ ТАЪБИРҲО АЗ ХУДО НЕСТАНД? БА МАН НАҚЛ КУНЕД.


МАН ТОКИ АНГУРРО ДИДАМ, КИ СЕ ШОХА ДОШТ. МАН АНГУРҲОРО ГИРИФТА, ДАР ҶОМИ ФИРЪАВН ФИШУРДАМ, ВА ҶОМРО БА ДАСТИ ФИРЪАВН ДОДАМ.
СЕ ШОХА СЕ РӮЗ ҲАСТАНД. ПАС АЗ СЕ РӮЗ ФИРЪАВН САРАТРО БАРМЕАФРОЗАД ВА ТУРО БА МАНСАБАТ БАРМЕГАРДОНАД.
ФАҚАТ МАРО ЁД КУН ВА НАЗДИ ФИРЪАВН ЗИКР НАМО. ЗЕРО МАН АЗ САРЗАМИНИ ИБРИЁН ЗӮРАН ОВАРДА ШУДААМ; ВА ҲЕҶ КОРЕ НАКАРДААМ, КИ МАРО БА ЗИНДОН АНДОЗАНД.
МАН ДАР ХОБАМ ДИДАМ, КИ СЕ САБАД НОН БАР САРИ МАН АСТ.
САБАДИ БОЛОЙ ПУР АЗ ПУХТУПАЗИ НОНВОЙӢ БУД; ВАЛЕ ПАРАНДАГОН ОНҲОРО АЗ САБАДЕ КИ БАР САРИ МАН АСТ, МЕХӮРДАНД.
СЕ САБАД НИЗ СЕ РӮЗ МЕБОШАНД.
ПАС АЗ СЕ РӮЗ ФИРЪАВН САРИ ТУРО АЗ ТАНАТ ҶУДО МЕКУНАД, ВА ТУРО БАР ДАРАХТЕ МЕОВЕЗАД; ВА ПАРАНДАГОН ГӮШТИ БАДАНАТРО МЕХӮРАНД.
ТАЪБИРИ ЮСУФ РОСТ БАРОМАД – АММО ҲАНГОМЕ КИ САРДОРИ МАЙКАШОН БА ХИЗМАТИ ХУД БАРГАШТ, ЮСУФРО ФАРОМӮШ КАРД.


ПАС АЗ ДУ СОЛ.
ҲАМАИ ҶОДУГАРОН ВА ҲАКИМОНРО НАЗДИ МАН ОВАРЕД -- ДАРҲОЛ!
ШАБИ ГУЗАШТА МАН ДУ ХОБ ДИДАМ – ОНҲОРО БА МАН ТАЪБИР НАМОЕД.
МАН ДАР ХОБАМ ҲАФТ МОДАГОВИ СОЛИМ ВА ФАРБЕҲРО ДИДАМ, КИ ДАР БАЙНИ ҚАМИШЗОРИ СОҲИЛ МЕЧАРИДАНД …
…АММО БАЪД ҲАФТ МОДАГОВИ БАДСУРАТ ВА ЛОҒАР АЗ НИЛ БАРОМАДАНД ВА ҲАФТ МОДАГОВИ СОЛИМРО ХӮРДАНД.
БАЪД МАН БЕДОР ШУДАМ.



ҲАСТӢ 41:1-4, 8


МАН ХОБИ ДИГАР НИЗ ДИДАМ.
МАН ДИДАМ, КИ ҲАФТ ХӮШАИ СОЛИМ ДАР ЯК ПОЯ САБЗИДА БАРОМАДАНД…
… БАЪД БОЗ ҲАФТ ХӮША АЗ ПАСИ ОНҲО РӮИДАНД, КИ АЗ БОДИ ШАРҚӢ ХУШК ШУДА БУДАНД, ВА ОНҲО ҲАФТ ХӮШАИ СОЛИМРО ФУРӮ БУРДАНД.
ФИРЪАВНИ БУЗУРГ, ҲЕҶ КАДОМИ МО ТАЪБИРИ ИН ХОБҲОРО НАМЕДОНАД.
ОНҲО БА МО ОШКОР КАРДА НАШУДААНД.
АММО ХОБҲО ВОҚЕӢ БУДАНД --
БОЯД КАСЕ БОШАД, КИ ОНҲО МАЪНИДОД КАРДА ТАВОНАД, ВАГАРНА ХУДОЁН ОНҲОРО БА МАН НАМЕФИРИСТОД АНД!
ИМРӮЗ МАН ГУНОҲҲОЯМРО БА ЁД МЕОВАРАМ!
ҲАНГОМЕ КИ МАН ДАР ЗИНДОН БУДАМ, ЯК ЯҲУДИИ ҶАВОН ХОБИ МАН ВА ХОБИ САРДОРИ НОНВОЙҲОРО ТАЪБИР КАРД – ВА ҲАР ДУ ТАЪБИР РОСТ БАРОМАДАНД.
ПАС ӮРО НАЗДИ МАН ОВАРЕД!


БА МАН ГУФТАНД, КИ ТУ ХОБҲОРО ТАЪБИР КАРДА МЕТАВОНӢ.
МАН НАМЕТАВОНАМ. АММО ХУДО БА ФИРЪАВН ҶАВОБЕРО, КИ Ӯ ХОҲОН АСТ, ДОДА МЕТАВОНАД.
ХОБҲОИ ФИРЪАВН ҲАМОН ЯК МЕБОШАНД – ОН ЧИРО, КИ ХУДО КАРДАНИСТ, БА ФИРЪАВН ХАБАР ДОДААСТ.
ҲАФТ МОДАГОВИ НЕКӮ ҲАФТ СОЛ ҲАСТАНД; ВА ҲАФТ МОДАГОВИ ЛОҒАР ҲАФТ СОЛИ ҚАҲТӢ ҲАСТАНД, КИ ФАРО МЕРАСАНД. БО ХӮШАҲОИ ГАНДУМ НИЗ ҲАМИН ТАВР АСТ.
АЗ БОИСИ ИН ҚАҲТӢ ТАМОМИ ФАРОВОНӢ ДАР МИСР ФАРОМӮШ МЕШАВАД ВА ЗАМИН ХАРОБ МЕГАРДАД.
ЯК ШАХСИ ХИРАДМАНД ВА БОФАҲМРО БАР ТАМОМИ САРЗАМИНИ МИСР ТАЙЪИН НАМО.
НАЗОРАТКУНАНДАГОНРО БАР ТАМОМИ САРЗАМИН ТАЪЙИН НАМО, ТО КИ ОНҲО ПАНҶЯКИ ҲОСИЛИ ҲАФТ СОЛИ ОЯНДАРО ҶАМЪ КУНАНД.



ҲАСТӢ 41:35-39


МАН ТАНҲО АЗ ҶИҲАТИ ТАХТ АЗ ТУ БОЛОТАР МЕШАВАМ.
ВА АКНУН ТУ БАРОИ ТАМОМИ САРЗАМИНИ МИСР МАСЪУЛИЯТ ДОРӢ.
РОҲРО ХОЛӢ КУНЕД!
ЮСУФ ТАДБИР АНДЕШИД, КИ ҲОСИЛИ ҒАЛЛАРО ДАР ДАВОМИ ҲАФТ СОЛИ ФАРОВОНӢ ҶАМЪ КАРДА, ЗАХИРА НАМОЯНД.
ФИРЪАВН ҲАМЧУНИН БА ЮСУФ ЗАНИ МИСРӢ ДОД.
ЮСУФ ПИСАРОНАШРО МЕНАШШЕ (“ФАРОМӮШИДИҲАНДА ”) ВА ЭФРОИМ (“ДУЧАНД БОРВАР”) НОМИД.
ХУДО МАРО ДАР САРЗАМИНИ АЗОБҲОЯМ БОРВАР ГАРДОНД.




ҲАСТӢ 41:53-57


ЧАРО ШУМО БА ЯКДИГАР НИГОҲ КАРДА, БЕҲУДА ИСТОДАЕД!
БА МАН ХАБАР РАСИД, КИ ДАР МИСР ҒАЛЛА ҲАСТ. РАВЕД ВА КАМЕ ХАРИДА БИЁРЕД, ТО КИ ЗИНДА МОНЕМ ВА НАМИРЕМ.
ДАҲ НАФАРИ ШУМО РАФТА, АЗ МИСР ҒАЛЛА ХАРИДА БИЁРЕД.
БИНЁМИН ДАР ИН ҶО БО МАН МЕМОНАД, ТО КИ ДАР РОҲ БО Ӯ ЧИЗЕ РӮЙ НАДИҲАД.
ИН АЗ ОН ЧИ МАН ТАСАВВУР МЕКАРДАМ, ХЕЛЕ КАЛОНТАР АСТ.
КОШКИ АНБОРҲОИ ҒАЛЛАИ ОНҲО ҲАМИН ГУНА КАЛОН БОШАНД.
ХОҶААМ, ЯК ГУРӮҲ ИБРИЁН АЗ ЗАМИНИ КАНЪОН ҲАМЧУНИН ҒАЛЛА ХАРИДАНӢ ҲАСТАНД.
АГАР ОНҲО НУҚРА Ё ТИЛЛО ДОШТА БОШАНД, МО БА ОНҲО ХИЗМАТ РАСОНДА МЕТАВОНЕМ.



ШУМО АЗ КУҶОЕД?
МО АЗ КАНЪОН БАРОИ ХАРИДАНИ ҒАЛЛА ОМАДАЕМ.
ШУМО ҶОСУС ҲАСТЕД; БАРОИ ДИДАНИ ҶОЙҲОИ СУСТИ ИН САРЗАМИН ОМАДАЕД.
НЕ, МО ОДАМОНИ ДУРУСТКОРЕМ ВА ҶОСУС НЕСТЕМ.
ВА ЮСУФ ХОБҲОИ ХУДРО БА ЁД ОВАРД.
НЕ, ШУМО БАРОИ ҶОСУСӢ БА САРЗАМИНИ МО ОМАДАЕД.
НЕ, МО ДУВОЗДАҲ БАРОДАРОН БУДЕМ, ПИСАРОНИ ЯК ШАХС.
ЯКЕ АКНУН ДАР ҚАЙДИ ҲАЁТ НЕСТ, ВА ХУРДӢ ИМРӮЗ ПЕШИ ПАДАРИ МОСТ.
ШУМО ҶОСУС ҲАСТЕД. ВА ШУМОРО БА ИН ТАРИҚ МЕОЗМОЯМ.
АЗ МИСР БЕРУН НАМЕРАВЕД, ТО ДАМЕ КИ БАРОДАРИ ХУРДИИ ШУМО БА ИН ҶО БИЁЯД. ЯК НАФАР АЗ БАЙНИ ШУМО БАРМЕГАРДАД, АММО ДИГАРОН ДАР ЗИНДОН МЕМОНАНД.
ОНҲОРО БА ЗИНДОН БАРЕД!
ҲАСТӢ 42:6-17


ПАС АЗ СЕ РӮЗ ...
АГАР ЧУНИН КУНЕД, ЗИНДА МЕМОНЕД, ЗЕРО МАН АЗ ХУДО МЕТАРСАМ.
АГАР ҲАҚИҚАТАН ОДАМОНИ ДУРУСТКОР БОШЕД, ЯК БАРОДАРИ ШУМО ДАР ИН ҶО МЕМОНАД, ВА БОҚИМОНДАҲО БО ҒАЛЛА БА ХОНАҲОИ ХУД БАРГАРДЕД.
АММО – ШУМО БОЯД БАРОДАРИ ХУРДИИ ХУДРО ИН ҶО БИЁРЕД, ТО СУХАНОНИ ШУМО ТАСДИҚ ШАВАНД.


ДАР ҲАҚИҚАТ МО АЗ ОН САБАБ БА ИН АЗОБ ДУЧОР ШУДЕМ, КИ БА БАРОДАРИ ХУД БЕРАҲМОНА РАФТОР НАМУДЕМ.
МО ҲАМА ДИДЕМ, КИ Ӯ ДАР ЧӢ ҲОЛАТИ НОУМЕДОНА БУД ВА АЗ МО ЗОРӢ МЕКАРД, АММО МО ГӮШ НААНДОХТЕМ.
АЗ ИН РӮ ҲАМАИ ИН БА САРИ МО ОМАД.
МАН БА ШУМО ГУФТА БУДАМ, КИ БА МУҚОБИЛИ БАЧА ГУНОҲ НАКУНЕД, ВАЛЕ ГӮШ НАКАРДЕД!
ВА АКНУН ҲАМАИ МО БАРОИ ХУНИ Ӯ ҶАВОБГАР ШУДАЕМ.
БАРОДАРОНАШ НАМЕДОНИСТАНД, КИ ЮСУФ МЕФАҲМАД; ЗЕРО ТАРҶУМОНЕ ДАР МИЁНИ ОНҲО БУД – ВА ЮСУФ АЗ СУХАНОНИ ОНҲО БА РИҚҚАТ ОМАД.


СОФНАТ-ПАЪНЕАҲ ФАРМУД, КИ ХАЛТАҲОИ ИН ОДАМОНРО БО ҒАЛЛА ПУР КУНАНД ВА ОНҲОРО ИҶОЗАТИ РАФТАН ДИҲАНД.
НУҚРАИ ОНҲОРО НИЗ БА ХАЛТАҲОИ ҒАЛЛАИ ОНҲО ГУЗОРЕД, ВА БАРОИ САФАР ХӮРОКВОРӢ ДИҲЕД.
ИТОАТ, ХОҶААМ.
ЗУД – ИН ҶО БИЁ!
НИГОҲ КУН, НУҚРАИ МАН БОЗ ДАР ХАЛТАИ МАН АСТ.
ИН ЧӢ КОР АСТ, КИ ХУДО БА МО КАРДАНӢ АСТ?


ҲОКИМИ ОН САРЗАМИН БА МО БА ДУРУШТӢ СУХАН ГУФТ – Ӯ МОРО ДАР ҶОСУСӢ АЙБДОР КАРД.
Ӯ ГУФТ, КИ МО МЕТАВОНЕМ БАРГАРДЕМ, АММО ШИМЪӮНРО НИГОҲ ДОШТ ВА ФАРМУД, КИ БИНЁМИНРО НАЗДИ Ӯ БАРЕМ, ТО ИСБОТ НАМОЕМ, КИ ҶОСУС НЕСТЕМ.
ОҲ, НУҚРАИ МАН ҲАМ ДАР ХАЛТААМ АСТ.
АЗ МАН ҲАМ!
ШУМО МАРО АЗ ФАРЗАНДОНАМ МАҲРУМ КАРДЕД: ЮСУФ НЕСТ, ВА ШИМЪУН НЕСТ. ВА АКНУН БИНЁМИНРО МЕХОҲЕД БАРЕД.
ҲАМА ЧИЗ ЗИДДИ МАН АСТ!
АГАР БИНЁМИНРО НАЗДИ ТУ НАБИЁРАМ, МЕТАВОНӢ ДУ ПИСАРИ МАРО КУШӢ.
ӮРО БА ДАСТИ МАН СУПОР; ВА МАН ӮРО НАЗДИ ТУ БАРМЕГАРДОН АМ.
ПИСАРИ МАН БО ШУМО НАМЕРАВАД.
АГАР ДАР РОҲ БО Ӯ БАДБАХТИЕ РӮЙ ДИҲАД... МӮИ САФЕДИ МАН БО АНДӮҲ БА ҚАБР МЕРАВАД.



ПАС АЗ ЯКЧАНД МОҲ ...
ХОҶААМ, ИМРӮЗ МО НОНИ ОХИРИНРО ПУХТЕМ. ТАМОМИ ҒАЛЛАЕ КИ ПИСАРОНАТ АЗ МИСР ОВАРДА БУДАНД, ТАМОМ ШУД.
ШУМО БОЯД БАРГАРДЕД ВА АНДАК ХӮРОКВОРӢ БАРОИ МО ХАРЕД.
МО НАМЕТАВОНЕМ. МОРО ОГОҲ КАРДАНД, КИ АГАР БАРОДАРАМОН БО МО НАБОШАД, ҲОКИМИ ОН САРЗАМИНРО ДИДА НАМЕТАВОНЕМ.
ЧАРО ШУМО БА МАН ИН ДАРДРО РАСОНДА, БА ОН МАРД ГУФТЕД, КИ БАРОДАРИ ДИГАРЕ ДОРЕД?!
Ӯ МОРО ПУРСУКОВ КАРД.
БАЧАРО БО МАН ФИРИСТОН ВА МАН ШАХСАН БАРОИ Ӯ ҶАВОБГАР МЕШАВАМ. АГАР БО Ӯ ЧИЗЕ РӮЙ ДИҲАД, УМРБОД ПЕШИ ТУ ГУНОҲКОР МЕШАВАМ.
АГАР МО ДЕР НАМЕКАРДЕМ, ТО ҲОЛ ДУ МАРОТИБА РАФТА МЕОМАДЕМ.
ЧУНИН КУНЕД: АЗ САМАРҲОИ ХУБИ ИН САРЗАМИН ГИРЕД. ВА БА ОН МАРД НУҚРАИ ДУЧАНДОН БУРДА ДИҲЕД.
ВА БАРОДАРИ ХУДРО ГИРИФТА, БА РОҲ ДАРОЕД. ВА АГАР МАН АЗ ФАРЗАНДОН МАҲРУМ ШАВАМ, БИГЗОР МАҲРУМ ШАВАМ.


ҲАСТӢ 43:1-14






ҲАСТӢ 43:15-25


ОЁ ПАДАРИ ПИРИ ШУМО, КИ ДАР БОРАИ Ӯ ГУФТА БУДЕД, САЛОМАТ АСТ?
ҒУЛОМАТ, ПАДАРИ МО, САЛОМАТ АСТ.
ВА ИН БАРОДАРИ ХУРДИИ ШУМОСТ?
МАРҲАМАТИ ХУДО БО ТУ БОД, ПИСАРАМ.
ЮСУФ ЭҲСОСОТАШРО БОЗДОШТА НАТАВОНИСТА, БАРОМАД …
…ВА ДАР ҲУҶРАИ ХУД ГИРЯ КАРД.





ҲАСТӢ 43:31-34


ХАЛТАҲОИ ИН МАРДОНРО ПУР КУН, ВА НУҚРАИ ҲАР ЯКЕРО ДАР ДАҲАНИ ХАЛТААШ МОН.
ВА ДАР ДАҲАНИ ХАЛТАИ ОН ХУРДӢ ҶОМИ НУҚРАИ МАРО БО НУҚРАИ ҒАЛЛАИ Ӯ МОН.
МАН ТАЙЁРАМ БА ХОНА БАРГАРДАМ.
МАН ТАМОМИ ИН МОҲҲО ДАР ЗИНДОН БУДАМ!
ЧӢ…
ШУМО ЧӢ КОР КАРДЕД?
ШУМО ҲАМОН ҶОМЕРО, КИ ХОҶААМ БО ОН ФОЛ МЕКУШОЯД, ДУЗДИДАЕД.
ИН ТАВР БУДА НАМЕТАВОНАД!
ЧАРО МО ЧУНИН МЕКАРДАЕМ? МО ҲАТТО НУҚРАЕРО, КИ ДАР ДАҲАНИ ХАЛТАҲОИ ХУД ЁФТЕМ, ГАШТА ОВАРДЕМ.



АГАР ҶОМ ДАР ХАЛТАИ ЯКЕ АЗ МО ЁФТ ШАВАД, Ӯ КУШТА ШАВАД; ВА БОҚИМОНДАГОН ҒУЛОМОНИ ХОҶАИ ТУ МЕШАВЕМ.
ХАЛТАҲОИ ОНҲОРО КОФТУКОВ КУНЕД.
ХАЛТАИ ОН ХУРДӢ МОНДААСТ.
ХУБТАР КОФТУКОВ КУНЕД.
САДОИ ХИШ-ХИШ!
ШУМО АЗ ХОҶАИ МО СОФНАТ-ПАЪНЕАҲ ДУЗДӢ КАРДЕД. ШУМО БОЯД БАРГАШТА, ПЕШИ Ӯ ҲОЗИР ШАВЕД.
ШУМО БА САХОВАТМАНДИИ МАН БО ФИРЕБ ҶАВОБ ДОДЕД.
ИН ИМКОН НАДОРАД …ПАДАРИ МО БА ИН ТОБ НАМЕОВАРАД.




ҲАСТӢ 44:9-13




ҲАСТӢ 44:14-34


ҲАМААТОН АЗ ПЕШАМ РАВЕД!
ЙИААҲҲ!!
МАН---МАН БАРОДАРИ ШУМО ЮСУФ ҲАСТАМ …
…ҲАМОНЕ КИ ШУМО ӮРО БА ҒУЛОМӢ ФУРӮХТЕД.
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ …
Ч-Й-Й-Й-Й…



ҲАСТӢ 45:1-4


ВАЛЕ АКНУН АЗ ХУД ХАШМГИН НАШАВЕД ВА ҒАМ НАХӮРЕД.
НА ШУМО МАРО БА ИН ҶО ФИРИСТОДЕД, БАЛКИ ХУДО.
ҲОЛО ДУ СОЛИ ҚАҲТӢ ГУЗАШТААСТ ВА ПАНҶ СОЛИ ДИГАР ДАР ПЕШ АСТ.
ХУДО МАРО ПЕШ АЗ ШУМО ФИРИСТОД, ТО ШУМОРО БО НАҶОТИ БУЗУРГЕ ДАР ЗАМИН БОҚӢ ГУЗОРАД.
ШУМО БОЯД ШИТОБ КУНЕД ВА НАЗДИ ПАДАРАМ РАФТА, ИНРО БА Ӯ ГӮЕД …
ХУДО МАРО ХОҶАИ ТАМОМИ МИСР ГАРДОНДААСТ.
НАЗДИ МАН БИЁ, ДЕР НАКУН. ВА МАН ТУРО ДАР САРЗАМИНИ ҶУШАН БО ҲАМА ЧИЗ ТАЪМИН МЕКУНАМ.
ШУМО БОЯД ФАВРАН РАВОНА ШАВЕД ВА БА ПАДАРАМ ГӮЕД – ВАГАРНА ДЕР МЕМОНЕД.
ВА ЮСУФ БО БАРОДАРОНАШ ГИРЯ КАРД.

ҲАСТӢ 45:5-14






GENESIS 45:16-24


ЮСУФ ЗИНДА АСТ! ЮСУФ ЗИНДА АСТ!
ИН РОСТ АСТ!
ЮСУФ ЗИНДА АСТ!
Ӯ БАР ТАМОМИ МИСР ҲОКИМ АСТ!
ШАХСИ ДУЮМ ПАС АЗ ФИРЪАВН.
ИН ҒАЙРИИМКОН АСТ …
ҲА, ЮСУФ ЗИНДА АСТ – ИН АРОБАҲО АЗ МИСР БАРОИ ТУ ВА ТАМОМИ ОИЛАҲОИ МО МЕБОШАНД, ТО НАЗДИ Ӯ БАРГАРДЕМ.
ПИСАРАМ ЮСУФ ЗИНДА АСТ …
…МАН ПЕШ АЗ МУРДАНАМ ӮРО МЕБИНАМ.
ҲАСТӢ 45:25-28


МО ДАР ИН ҶО, ДАР БЕЭР-ШЕБАЪ МЕИСТЕМ.
МАН ДАР ИН ҶО ХУДОРО ПАРАСТИШ МЕКУНАМ, ЧУНОН КИ ПАДАРАМ ИСҲОҚ ДАР ИН ҶО ПАРАСТИШ МЕКАРД.
ЯЪҚУБ! ЯЪҚУБ!
МАН ИН ҶОЯМ, ПАРВАРДИГОРО.
АЗ РАФТАН БА МИСР НАТАРС; ЗЕРО ДАР ОН ҶО ХАЛҚИ БУЗУРГЕ АЗ ТУ БА ВУҶУД МЕОВАРАМ.
МАН БО ТУ БА МИСР МЕРАВАМ; ВА АЛБАТТА БОЗ ТУРО АЗ ОН ҶО БЕРУН МЕОВАРАМ.
ВА ЮСУФ БО ДАСТИ ХУД ЧАШМОНИ ТУРО МЕПӮШАД.
ВА ЯЪҚУБ БО ПИСАРОНАШ ВА АҲЛИ ОИЛАҲОИ ОНҲО – ҲАМАГӢ ҲАФТОД КАС – БЕЭР-ШЕБАЪРО ТАРК КАРД.
ВА БА ХОНАИ МУВАҚҚАТИИ ХУД – БА МИСР РАВОНА ШУД.


ҲАСТӢ 46:1-27



ҲАСТӢ 46:28-34


БАРОДАРОНИ МАЪМУРИ АСОСИИ МАН ЧӢ КАСБУ КОР ДОРАНД?
МО ЧӮПОНОНЕМ.
ПАС ШУМО ДАР ҶУШАН, ДУРТАР АЗ МО, ЗИНДАГӢ ХОҲЕД КАРД.
ТУ ЧАНДСОЛА ҲАСТӢ – ПАДАРИ СОФНАТ-ПАЪНЕАҲ?
СОЛҲОИ МУСОФИРАТИ МАН САДУ СӢ СОЛ МЕБОШАНД.
СОЛҲОИ УМРИ МАН КАМ ВА МУШКИЛ МЕБОШАНД, ВА БА СОЛҲОИ УМРИ ПАДАРОНИ МАН ДАР РӮЗҲОИ МУСОФИРАТИ ОНҲО НАРАСИДААНД.
БАЪД ЯЪҚУБ ФИРЪАВНРО, ПОДШОҲИ ТАМОМИ МИСРРО БАРКАТАТ ДОД.
ВА ЯЪҚУБ АЗ НАЗДИ ФИРЪАВН БАРОМАД.
ИНАК, ЭЙ ПАДАРАМ – ИН БЕҲТАРИН ҚИСМИ ЗАМИН АСТ.
МАН ТУРО ВА ТАМОМИ ОИЛАҲОРО БО ҲАМА ГУНА ХӮРДАНИИ ДАРКОРӢ ТАЪМИН МЕКУНАМ.


ҲАСТӢ 47:1-12


БО МУРУРИ САХТТАР ШУДАНИ ҚАҲТӢ, ЮСУФ ТАМОМИ ПУЛЕРО, КИ ДАР КАНЪОН ВА МИСР БУД, БА ИВАЗИ ҒАЛЛАЕ КИ МЕХАРИДАНД, ҶАМЪ КАРД.
БАЪД МАРДУМ БОЗ НАЗДИ Ӯ ОМАДАНД.
БА МО ҒАЛЛА ДАРКОР АСТ – БА МО НОН ДЕҲ. ТУ АЛЛАКАЙ ТАМОМИ ПУЛИ МОРО ГИРИФТАЙ. ЧАРО МОРО МЕГУЗОРӢ, ТО БИМИРЕМ?
МАН БА ШУМО ҒАЛЛА МЕФУРӮШАМ – ДАР ИВАЗИ ЧОРВОИ ШУМО.
СОЛИ ДИГАР…
АКНУН ТАМОМИ ПУЛ ВА ТАМОМИ ЧОРВОИ МО ДАР ДАСТИ ТУСТ.
АКНУН ХУДАМОН ВА ЗАМИНАМОНРО ДАР ИВАЗИ НОН БИХАР.
ИНАК ТУХМӢ БАРОИ ЗАМИНИ ШУМО. АЗ ҲОЛО ВА МИНБАЪД ПАНҶЯКИ ҲОСИЛ АЗ ОНИ ФИРЪАВН АСТ, ВА АЗ ПАНҶ ЧОР ҲИССАИ ОН – АЗ ОНИ ШУМО.
ТУ ҲАЁТИ МОРО НАҶОТ ДОДӢ.
АММО ДАР ҶУШАН ОИЛАҲОИ ЯЪҚУБ БАРАКАТ ЁФТАНД ВА ХЕЛЕ ЗИЁД ШУДАНД.
ВАҚТИ МАН НАЗДИК ШУДААСТ.
ВАЪДА ДЕҲ, КИ МАРО ДАР МИСР БА ХОК НАМЕСУПОРӢ. МАРО ДАР НАЗДИ ПАДАРОНАМ ДАФН КУНЕД.
МУВОФИҚИ ХОҲИШИ ТУ МЕКУНАМ, ПАДАР.
ҲАСТӢ 47:13-31


ПАДАРАТ БЕМОР АСТ – ШОЯД ДАР ДАМИ МАРГ АСТ.
ЗУД ПИСАРОНАМРО ҶАМЪ КУН ВА МО ЯКҶОЯ НАЗДИ Ӯ МЕРАВЕМ.
ПИСАРАТ ЮСУФ ИН ҶОСТ.
ӮРО НАЗДИКИ МАН БИЁРЕД.
ХУДОИ ҚОДИРИ МУТЛАҚ ДАР ЛУЗ, ДАР САРЗАМИНИ КАНЪОН, БАР МАН ЗОҲИР ГАРДИД.
Ӯ ВАЪДА ДОД, КИ МАРО БОРВАР ВА ЗИЁД МЕГАРДОНАД, ВА ОН ЗАМИНИ ХУБРО БА СОҲИБИЯТИ АБАДӢ МЕДИҲАД.
ИНҲО КИҲОЯНД?
ИНҲО ПИСАРОНЕ МЕНОШАНД, КИ ХУДО БА МАН АТО КАРДААСТ.
ОНҲОРО НАЗДИКИ МАН БИЁР, ТО ОНҲОРО БАРАКАТ ДИҲАМ.
ҲЕҶ ГУМОН НАДОШТАМ, КИ БОРИ ДИГАР ТУРО МЕБИНАМ – ВА АКНУН ХУДО ИМКОН ДОД, КИ МАН ПИСАРОНАТРО НИЗ БИНАМ.



ҲАСТӢ 48:1-11


ИНАК, ПАДАР, МАРО ВА ПИСАРОНАМРО БАРАКАТ ДЕҲ.
БИГУЗОР ОН ХУДОЕ КИ ПАДАРОНАМ ИБРОҲИМ ВА ИСҲОҚ ПЕШАШ РОҲ МЕРАФТАНД... ИН НАВРАСОНРО БАРАКАТ ДИҲАД.
БИГУЗОР ОНҲО БА НОМИ МАН ХОНДА ШАВАНД, ВА ДАР МИЁНИ ЗАМИН БИСЁР АФЗОИШ ЁБАНД.
НЕ, ПАДАРАМ, ДАСТИ РОСТИ ХУДРО БА САРИ ПИСАРИ КАЛОНӢ МОН.
ПИСАРАМ, МАН МЕДОНАМ.
Ӯ НИЗ ХАЛҚЕ МЕГАРДАД ВА БУЗУРГ МЕШАВАД.
АММО БАРОДАРАШ АЗ Ӯ БЕШТАР МЕШАВАД ВА АЗ Ӯ ХАЛҚИ СЕРШУМОР БА ВУҶУД МЕОЯД.
ИСРОИЛ БО ТУ БАРАКАТ ДОДА, МЕГӮЯД: "ХУДО ТУРО ЧУН ЭФРОИМ ВА МЕНАШШЕ ГАРДОНАД".
ВА БА ТУ, БА ЯКЕ АЗ БАРОДАРОН, ҚИТЪАЕРО МЕДИҲАМ, КИ ОНРО АЗ ДАСТИ АМУРИЁН БО ШАМШЕР ВА КАМОНИ ХУД ГИРИФТААМ.
ҲАСТӢ 48:12-22



РЕУБЕН, ТУ ТАВОНО ҲАСТӢ, АММО БОРАВНАҚ НАХОҲӢ ШУД, ЗЕРО БАР ҶОЙХОБИ ПАДАРИ ХУД БАРОМАДӢ.
ШИМЪУН ВА ЛЕВӢ АСЛИҲАИ ЗӮРОВАРИРО ИСТИФОДА БУРДАНД. ЛАЪНАТӢ БОД ХАШМИ ОНҲО. ОНҲО ДАР ДАР ИСРОИЛ ПАРОКАНДА МЕШАВАНД.
ЯҲУДО! ДАСТАТ БАР ГАРДАНИ ДУШМАНОНАТ МЕШАВАД. ЧӮБДАСТИ ҲУКМРОНӢ АЗ ЯҲУДО ДУР НАМЕШАВАД.
ЗАБУЛУН ДАР КАНОРИ БАҲР СОКИН МЕШАВАД, ВА БАРОИ КИШТИҲО ОСМОН МЕШАВАД.
ИССОКОР ХАРИ БОҚУВВАТЕСТ ВА КИТФИ ХУДРО БАРОИ БОРИ КОРҲОИ ВАЗНИН ХАМ МЕКУНАД.
ДОН БАРОИ ҚАВМИ ХУД ДОВАРИИ ҲАққОНИРО ТАЪМИН МЕКУНАД.
ТӮДАЕ БА ҶОД ҲУҶУМ МЕОВАРАНД, ВАЛЕ ВАЙ БА ОНҲО ҲУҶУМИ ҶАВОБӢ МЕКУНАД.
НОНИ ОШЕР РАВҒАНӢ ВА ШИРИН МЕШАВАД – Ӯ БАРОИ ШОҲОН ХӮРОКҲОИ ЛАЗИЗ МЕДИҲАД.
НАФТОЛӢ ОҲУИ МОДАЕСТ, КИ ОҲУБАРАҲОИ ЗЕБО МЕОВАРАД.
ЮСУФ ТОКИ БОРВАРЕСТ, КИ ШОХАҲОЯШ АЗ БОЛОИ ДЕВОР ПАҲН МЕШАВАНД. КАМОНИ Ӯ ДАР ҚУВВАТАШ УСТУВОР МЕМОНАД, ЧУНКИ ОН ДАР ДАСТОНИ ХУДОИ ТАВОНОИ ЯЪҚУБ АСТ.
БИНЁМИН ГУРГИ ДАРАНДАЕСТ, КИ САЙДАШРО МЕХӮРАД.
МАРО НАЗДИ ПАДАРОНАМ БА ХОК СУПОРЕД, ДАР МАҒОРАЕ КИ БОБОЯМ ИБРОҲИМ АЗ АФРӮНИ ҲИТТӢ ХАРИДА БУД, ВА ДАР ОН ҶО ПАДАР ВА МОДАРАМ ДАФН ШУДААНД.
ВА ДАР ОН ҶО МАН ЛЕЁРО ДАФН КАРДАМ.




ҲАСТӢ 49:1-32


ПАДАР! ОҲ, ПАДАРАМ!
МАРДУМИ МО ҲАФТОД РӮЗ БАРОИ ПАДАРИ ТУ МОТАМ ГИРИФТАНД.
БАРОИ ЧУНИН ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМИ БУЗУРГ МИННАТДОРАМ.
ПАДАРАМ МАРО ҚАСАМ ДОДА, ГУФТ, КИ ӮРО ДАР САРЗАМИНИ КАНЪОН НАЗДИ ПАДАРОНАШ БА ХОК СУПОРАМ.
ТУ МЕТАВОНӢ ҚАСАМИ ХУДРО ИҶРО КУНӢ.
ПАДАРАТ ВАСИЯТ КАРДА, ГУФТА БУД: “АЗ ТУ ХОҲИШ МЕКУНАМ, ГУНОҲ ВА ХАТОҲОИ БАРОДАРОНАТРО, КИ БА ТУ БАДӢ КАРДААНД, БУБАХШ”.
МО АКНУН БАНДАГОНИ ТУЕМ.
ОЁ МАН ДАР ҶОИ ХУДО ҲАСТАМ?
ШУМО ҚАСДИ БАД ДОШТЕД, ВАЛЕ ХУДО ОНРО БА НЕКӢ ГАРДОНД.
НАТАРСЕД, МАН РИЗҚУ РӮЗИИ ШУМО ВА ФАРЗАНДОНИ ШУМОРО ТАЪМИН МЕКУНАМ.

ҲАСТӢ 50:1-21






ҲАСТӢ 50:22-26

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**